# Осонгири ва тасомуҳ дар Ислом

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

Солеҳ ибни Абдуллоҳ ибни Ҳумайд

Тарҷума ба форсӣ:

Гуруҳи фарҳангии сомонаи ақида

Таҳия ва тақдим ба забони тоҷикӣ

Абдусаттори Ҳақназар

2011 - 1432

IslamHouse.com

# ﴿التسامح فى الإسلام﴾

«باللغة الطاجيكية»

صالح بن عبد الله بن حميد

ترجمة: الفريق الثقافى فى موقع العقيدة

إعداد و تقديم: عبد الستار حقنظر

2011 - 1432

IslamHouse.com

Ин китоб аз сомонаи "китобхонаи ақида" нусхабардори шуда аст

www.aqeedeh.com

email: book@aqeedeh.com

**Сомонаҳои муфид**

www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.ahlesonnat.com
www.isl.org.uk
www.islamtape.com
www.blestfamily.com
www.islamworldnews.com
www.islamage.com
www.islamwebpedia.com
www.islampp.com
www.videofarda.com

www.nourtv.net
www.sadaislam.com
www.islamhouse.com
www.bidary.net
www.tabesh.net
www.farsi.sunnionline.us
www.sunni-news.net
www.mohtadeen.com
www.ijtehadat.com
www.islam411.com

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Дини ислом охирин пайғоми осмони аст, ки Худованд онро барои ҳама мардум фуру фиристода аст чи дар машриқ ва чи дар мағриб, барои зан ва мард, қудратманд ва нотавон, сарватманд ва фақир, доно ва нодон, солим ва бемор, ба ҳамин хотир Худованди бузург бо лутфу карами хеш пайғоми худро ба гунае нозил фармуда ки фаҳми он барои ҳама муяссар мебошад ва амал намудан ба он саҳл ва осон мебошад. Ва низ ҳама мардумро дар худ ҷой медиҳад ва ҳар мукаллафе метавонад онро анҷом диҳад. Дини ислом дар воқеъ ибтидои рухсат ва маҷоз будан аст баъди азм ва ирода, осонгири ва табиати мулоим ва нарм дорад, яъне дин дар пайи он аст ки машаққат ва ҳараҷро аз мардум бардорад.

Осонгири яке аз аҳдофи ин дин ба шумор меояд ва яке аз вижагиҳои умумии он аст чи дар аҳком,

ақида, ахлоқу муомилот, ва чи дар усул ва фуруъи дин.

Парвардигори мо бо лутфу марҳамати хеш бандагонашро ба умуре ки дар он машаққат ва норoҳатии зиёд вуҷуд дошта бошад мукаллаф нанамуда ва ҳеҷвақт нахостааст,ки мардумро дар тангно қарор диҳад ва дини худро ба манзури меҳру муҳаббат ва осонгири нозил фармуда аст.

Шариъати Худованд дар тавҳид ва яктопарасти дорои тавҳиди ҳазрати Иброҳим мебошад ва дар амал дорои вижаги гузашта ва чашм пуши аст.

Худованд дар Қуръон мефармояд:

﴿يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ ١٨٥﴾ [البقرة: ١٨٥]

«**Аллоҳ таъоло барои шумо осони мехоҳад ва барои шумо душвори намехоҳад**» Бақара 185

Инчунин дар ҷои дигар мефармояд:

﴿يُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُخَفِّفَ عَنكُمۡۚ وَخُلِقَ ٱلۡإِنسَٰنُ ضَعِيفٗا ٢٨﴾ [النساء: ٢٨]

Тарҷума: **«Худованд мехоҳад (бо вазъи аҳкоми саҳл ва сода) корро барои шумо осон кунад ва инсон заъиф офарида шуда аст»** Нисо 28

Ва дар сураи Ҳаҷ мефармояд:

**﴿هُوَ ٱجۡتَبَىٰكُمۡ وَمَا جَعَلَ عَلَيۡكُمۡ فِي ٱلدِّينِ مِنۡ حَرَجٖۚ مِّلَّةَ أَبِيكُمۡ إِبۡرَٰهِيمَۚ هُوَ سَمَّىٰكُمُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ٧٨﴾** [الحج: ٧٨]

**«Худованд шуморо баргузида аст ва дар дин корҳои душвор ва сангинро бар души шумо нагузошта аст (ва балки таколиф ва вазоифе муқаррар намуда аст ки бо фитрати солим ҳамоҳанг ва бо тавони инсони сазовор аст.) Ин дин ҳамон оини падатарон Иброҳим аст. Худо шуморо қаблан (дар китобҳои осмони) муслимин номида аст»** Ҳаҷ 78

Аҳкоми шаръ гузашт ва осонгири ва дури ҷустан аз таколифи сахт ва машаққатоварро дар нафси мусалмон ҷой мегузорад ва вобастагии маҳкаме

ба раҳмат ва мағфирати парвардигор пайванд медиҳад. Худованд мефармояд:

﴿لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا مَآ ءَاتَىٰهَاۚ سَيَجۡعَلُ ٱللَّهُ بَعۡدَ عُسۡرٖ يُسۡرٗا ٧﴾ [الطلاق: ٧]

**«Аллоҳ таъоло ҳеҷ касеро ҷуз бадон андозаеки ба у дода аст мукаллаф намесозад Худо баъд аз сахти ва нохуши гушоиш ва хуши пеш меорад»** Талоқ 7

Юср: Яъне ҳар кореки нафсро ба заҳмат наяндозад ва ба ҷисми инсон фишор ворид нанамояд.

Уср: Ҳар амалеки нафси одамиро ба сахти ва заҳмат меандозад ва ба ҷисми инсон зарар мерасонад. Пайғамбар дар ҳадиси саҳиҳ чунин мефармояд:

[1]«إِنَّ هَذا الدّينَ يسْرٌ، فَأَوْغِلوُا فيهِ بِرِفْقٍ»

«Ҳамоно ин дин бар осонгири поярези шудааст пас бо меҳрубони ва ороми дар он нозил шавед».

Ва низ аз Миҳҷан ибни Видоъ нақл шуда аст ки Пайғамбари Худо фармуд:

«إِنَّ خَيرَ دينِكمْ أَيسَرُهُ، إن خير دينكم أيسره، إن خير دينكم أيسره»[2]

و فى لفظِ «إِنَّكمْ أُمَّةٌ أُريدَ بِكمُ الْيُسْرَ»[1]

---

1) Имом Аҳмад аз тариқи Халаф ибни Рабиъ аз Анас, ин ҳадисро бо ин лафз оварда «إن هذا الدين متين، فأوغلوا فيه برفق» (١٩٨/٣) Ҳайсами дар Алмуҷаммаъ (62/1) мегуяд: Имом Аҳмад ин ҳадисро ривоят мекунад ва ровиёни он муътабар ва сиқа ҳастанд ба ҷуз Халаф ибни Меҳрон ки Анасро надидааст. Валлоҳу аълам; Албони дар саҳеҳи ҷомеъи худаш (2266) онро ҳасан медонад.

2) Имом Аҳмад онро тахриҷ намуда (32/5) ва низ Бухори дар Адабул- муфрад (341) ва Таброни дар Алкабир( 296/20) ва Ҳайсами дар Алмуҷаммаъ (308/3) мегуяд: Ровиёни ин ҳадис ҳамаги саҳиҳ мебошанд ба ҷуз Раҷо

«Беҳтарин дини шумо, дини касе аст ки онро осон бигирад».

Ва ин ҷумларо се бор такрор намуд. Ва дар ривояте чунин омада: «Шумо уммате ҳастед ки осонгири аз шумо хоста шуда аст» (Имом Аҳмад бо санади саҳиҳ ин ҳадисро ривоят намуда аст.)

Ва ин намунае аст аз мазоҳири осонгири ва тасомуҳ  ки дар Қуръон ва ҳатто дар шахсияти худи Пайғамбар таҷалли пайдо карда ва дар усул ва фуруъи дин намоён мебошад. Худованди бузург Қуръонро ба гунае нозил фармуда ки хондани он осон, фаҳм ва идроки он муяссар ва тадаббур ва зикри он барои ҳар касе мақдур мебошад.

Худованд чунин мефармояд:

---

ибни Аби Раҷо ки ибни Ҳаёён ӯро сиқа медонад. Ва Албони дар саҳиҳул адаби худ (260) онро ҳасан медонад.

3) Муснади имом Аҳмад (32/5).

﴿وَلَقَدۡ يَسَّرۡنَا ٱلۡقُرۡءَانَ لِلذِّكۡرِ فَهَلۡ مِن مُّدَّكِرٖ ١٧﴾ [القمر: ١٧]

**«Мо Қуръонро осон сохтаем, оё панд пазиранда ва ибрат гирандае ҳаст»** Қамар 17

Ва дар сураи Марям мефармояд:

﴿فَإِنَّمَا يَسَّرۡنَٰهُ بِلِسَانِكَ لِتُبَشِّرَ بِهِ ٱلۡمُتَّقِينَ وَتُنذِرَ بِهِۦ قَوۡمٗا لُّدّٗا ٩٧﴾ [مريم: ٩٧]

**«Мо Қуръонро ба забони ту сода ва осон фароҳам овардаем то ба василаи он парҳезгоронро мужда диҳи ва мардуми сарсахтро бо он битарсони»** Марям 97

Қурони карим ба гунае аст ки ҳифзи он осон аст, ҳар ақле онро мепазирад ва қалбҳоро ором мекунад, инсон аз гуш додан ба он лаззат мебарад ва ба ҳеч ваҷҳ малолатовар нест агарчи дар он асроре нуҳуфта аст, ки танҳо доноён ва касонеки аҳли зикр ҳастанд метавонанд ба он даст пайдо кунанд.

Ва аммо Муҳаммад, ки Худованд уро ба унвони раҳмати ҳар ду олам мабъус намуда, у нисбат ба имон дорон меҳрубон аст ва бо онон ҳирс меварзад ва чизеки ононро дар тангно қарор диҳад ва ё машаққат эҷод кунад бар у сахт ва гарон меояд. Боригарони ононро бар медорад ва банду занҷире ки бар онон буд боз мекунад, чунин мефармояд:

«إِنَّ اللهَ لمْ يبعثنى معنّتاً ولا متعنّتاً ولكنْ بعثنى معلّماً ميسّراً»[1].

«Худованд манро нафиристодааст, ки бар худ сахтгири намоям ва ё дигаронро дар тангно қарор диҳам, балки манро ба унвони як муаллими осонгир фиристода аст».

Ин ҳадисе аст ки бар сиҳати он иттифоқ шуда ва лафзи он аз Муслим аст. Пайғамбар (с) дар бораи худаш мефармояд:

---

1) Муслим дар боби талоқ (1478) ин ҳадисро аз Ҷобир ривоят намудааст.

«أَمّا أنّي أَصومُ وأفطرُ، وأقومُ وأرقدُ وآكلُ اللّحْمَ، وأتزوّجُ النّساءَ، فمنْ رغبَ عنْ سنّتي فليسَ منّي»[1].

«Вале ман ҳам руза мегирам ва ҳам баъзе аз рузҳо рузадор нестам, ва ҳам шаб зиндадори мекунам ва ҳам мехобам, гушт мехурам ва бо занон издивоҷ мекунам, касе ки аз суннати ман руй бартобад аз уммати ман нест».

Ҳазрати Ойша(р.з) мефармояд:

«كانَ رسولُ اللهِ ﷺ يحبُّ ما خفَّ على النّاسِ»[2].

«Пайғамбари Худо (с)ончизеро ки бар мардум осон буд дуст медошт».

**Аммо ин масъала дар усули дин ва ақида:**

---

2) Имом Бухори дар боби никоҳ (5063) ва Муслим низ дар боби никоҳ (1401) ин ҳадисро оварда ва аз ҷумлаи аҳодисе аст ки Анас онро ривоят карда вале назди Бухори ва Муслим ҷумлаи (و آكل اللحم) вуҷуд надорад.

3) Имом Аҳмад (168/6) ва Абд ибни Ҳумайд (1478) аз Абдурразоқ аз Муаммар аз Зуҳри аз Урва аз Ойша ривоят намуда аст.

Дини ислом дар ин мавзӯъҳо ба гунае аст ки хостаҳояш осон, далоили он возеҳ ва равшан мебошад. Чи дар робита бо имон ба Худо,номҳо ва сифатҳои Худованд ва ё дар робита бо имон ба малоика ва китобҳои осмони ва паёмбарон ва ё имон ба рузи растохез ва ба хуб ва бадии қазо ва қадари илоҳи. Ва далоил бар ин муддаъо зоҳир аст ва бо нигоҳе дар осмон ва замин ва дигар махлуқот ошкор мешавад ва бо сайр ва сафар дар замин ва панд гирифтан аз осори миллатҳои гузашта ба содаги ба даст меояд. Барои исботи ин муддаъо роҳ ва равиши асҳоби расули Худо ва тобиъин ва салафи солиҳ кофи аст ки аслан аҳли такаллуф ва сахтгири ва ихтилоф набуданд.

Абдуллоҳ ибни Масъуд мефармояд:

«إيّاكمْ و التنطّعَ، إيّاكمْ و التّعمّق وعليكمْ بالعتيقِ»[1].

1) Доримӣ дар муқаддимаи сунани худ ин ҳадисро оварда (143ва142)

«Аз мушкил писанди ва фуру рафтани зиёд дар масоил бипарҳезед ва ба масоилеки паёмбар ва асҳоби паёмбар будаанд бичаспед».

Аҳкоми шаръи низ вазъияти мукаллифинро бо таваҷҷуҳ ба зуруфи замони ва макони риъоят намуда аст, масалан дар вақти саломати ва бемори, дар мусофират ва ё дар хона ва низ ҳолатҳои изтирориро дар назар мегирад. Бузургтарин ибодат назди Худованд баъд аз тавҳид намозҳои воҷиб аст ки авқоти баҷо овардани онҳо аз тулуъи фаҷр то ғуруби хуршед ба ҳам рабт дода шудаанд.

Ҳамчунин ба ҳангоми таҳорати об ба миқдори қуллатайн бирасад хабис намешавад ва агар истеъмоли об мушкил эҷод намояд метавон таямум намуд, ва ба ҳангоми намоз агар тавонист истода мехонад вагарна мешинад ва агар бозҳам мушкил бошад дароз кашида намозро баҷой меорад.

Худованд мефармояд:

﴿لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۚ ٢٨٦﴾ [البقرة: ٢٨٦]

**«Худованд ба ҳечкас ба ҷуз тавонояш таклиф намедиҳад»** Бақара 286

Ва ба ҳангоми зарурат ва ниёз метавон намозҳои асру пешин ва шому хуфтанро бо ҳам ҷамъ кард (дар ҳолати сафар ё маризи ё ягон узри дигар) ва ё намозҳои чаҳор ракъатиро қаср намуд. Барои Пайғамбар (с)-ро  аз ҳоли зане хабар намуданд, ки намозҳои суннатро зиёд мехонад, фармуд:

«مهْ عليكم بما تطيقون، فوالله لا يملّ اللهُ حتى تملّوا»(1).

«На, чунин накунед, балки онҷи дар тавон доред анҷом диҳед, ба Худо қасам, онгоҳ ки шумо малул ва дармонда мешавед, Худованд низ малул ва нороҳат мешавад».

---

1) Имом Бухори дар мабҳаси имон (43) ва Муслим дар боби салотул мусофирин (785) ин ҳадисро аз ҳазрати Оиша нақл намуда аст.

Дар аҳкоми шариъат омада аст, ки имоми ҷамоъат мардумро ба уҳда дорад, бояд саъйи кунад дар намозҳояш риъояти мардумро бикунад, чун дар миёни мардум афроди бемор ва нотавон ва ё касеки шитоб дорад, вуҷуд дорад, рӯза барои фарди солим ва муқим воҷиб аст, вале барои шахсеки дар мусофират басар мебарад ва ё бемор аст рухсат дода шуда ки рузадор набошад.

Худованд мефармояд:

﴿فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٖ فَعِدَّةٞ مِّنۡ أَيَّامٍ أُخَرَۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ ١٨٥﴾ [البقرة: ١٨٥]

**«Пас ҳаркасе аз шумо ин моҳро дарк кунад бояд онро рӯза бидорад, ва касеки бемор ё дар сафар аст (бояд ба шумораи он) теъдод аз рузҳои дигарро (рӯза бидорад) Худо барои шумо осони мехоҳад ва барои шумо душвори намехоҳад»** Бақара 185

Ҳамчунин закот, ҳаҷ ва ҷиҳод бар касе воҷиб аст ки тавонои анҷоми онҳоро дошта бошад, занон ҳам аҳкоми марбут ба худ доранд ва ба гунае аст ки бо вазъияти онҳо созгори дошта бошад.

Афроди девона, кудак ва касеки дар хоб ба сар мебарад, мукаллаф ба ҳисоб намеояд ва низ Худованд касонеки дучори иштибоҳ мешаванд ва ё фаромушкор ва ё бо зур ва икроҳ маҷбур ба анҷоми коре шуда бошанд муохиза намекунад.

Қоидаи асли он аст, ки ҳар чизеки ҳалол ва пок аст ва низ тайсир ва осониро металабад. Худованд мефармояд:

﴿فَمَنِ ٱضۡطُرَّ غَيۡرَ بَاغٖ وَلَا عَادٖ فَلَآ إِثۡمَ عَلَيۡهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ١٧٣﴾ [البقرة: ١٧٣]

**«Вале касеки (барои ҳифзи ҷони худ ба хурдани онҳо) ночор мешавад, дар суратеки ситамгар ва мутаҷовиз набошад бар у гуноҳе нест»** Бақара 173

Худованд барои касе ки дучори гуноҳ шудааст, танҳо ба андозаи гуноҳеки муртакиб шудааст муҷозот мекунад ва ё шояд уро мавриди афв ва бахшиш қарор диҳад, вале барои касе ки кори хубе анҷом диҳад ҳадди ақал даҳ баробар подош медиҳад ва ин подошро чанд баробар меафзояд.

Ҳадаф аз ибодат ва фармон бардори аз Худованд по барҷо мондани нафс бар роҳ аст ва муҳофизат намудани нафс то дучори каҷи ва инҳироф нашавад, пас манзур аз ибодат зиёд фуру рафтан дар ибодат ва шумориши теъдоди ракаъоти намоз ва... нест. Балки маҳкамкори намоед ва наздик шавед ва истиқомат дошта бошед ва ба ҳеҷвақт ба теъдод ва миқдор таваҷҷуҳ накунед ва ба андозаи тавоноии худ ибодат анҷом диҳед.

Зеро истиқомат бо ибодати саҳл ва осон ҳам ҳосил мешавад, анҷоми ибодати кам, нафсро огоҳ намуда ва лаззати ибодатро мечашонад... .

Инсон вақтеки дар анҷоми ибодат дучори машаққат ва нороҳати шавад лаззати ибодатро

аз даст медиҳад ва аз мазоҳири хушуъ дур мешавад.

Дини ислом тоъат ва ибодатеро барои мо таин намудааст, ки бо табиати ҳар инсоне созгори дорад, балки дил ва даруни одами боз шуда ва инширох пайдо мекунад. Ва ба ҳангоми иди фитр ва қурбони ва ё намози ҷумъа эҳсоси мубоҳот мекунад, ва дустуроти дини дар бораи худ оростан ва риояти зебои зоҳири ва хушбу нигоҳ доштани худ, хона ва масоҷид, риояти назофат, хондани Қуръон ва азон бо овози зебо ва хуб, аз мавориде аст ки одамиро ба ваҷд меоварад.

Худованд мефармояд:

﴿يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ خُذُواْ زِينَتَكُمۡ عِندَ كُلِّ مَسۡجِدٖ وَكُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ وَلَا تُسۡرِفُوٓاْۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُسۡرِفِينَ ٣١ قُلۡ مَنۡ حَرَّمَ زِينَةَ ٱللَّهِ ٱلَّتِيٓ أَخۡرَجَ لِعِبَادِهِۦ وَٱلطَّيِّبَٰتِ مِنَ ٱلرِّزۡقِۚ قُلۡ هِيَ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا خَالِصَةٗ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۗ كَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَعۡلَمُونَ ٣٢﴾ [الأعراف: ٣١ – ٣٢]

**«Эй фарзандони Одам, ба ҳангоми ҳар ибодат либоси худ бипӯшед. Ва низ бихӯреду биёшомед, вале исроф макунед, ки Худо исрофкоронро дӯст намедорад.**
**(Э Пайғамбар) Бигӯ: «Чӣ касе либосҳоеро, ки Худо барои бандагонаш падид оварда ва хӯрданиҳои хуштаъмро ҳаром кардааст?» Бигӯ: «Ин чизҳо дар ин дунё барои касонест, ки имон овардаанд ва дар рӯзи қиёмат низ хосси онҳо бошад». Оёти Худоро барои доноён инчунин ба тафсил баён мекунем».**
Аъроф 31-32

Бинобарин, бар мусалмонон воҷиб аст, ки дар ҳама чиз роҳ ва равиши ором ва осон дар пеш гиранд бидуни инки вориди мудохала шуда ва ё таъоруфе дошта бошанд ва ё ҳақро зери по гузошта бошанд бар ҳама лозим аст ки дар таълим ва тарбият ва даъват ба роҳи Худо осонгириро пеш гирад ва бо дониш омӯзон ва донишҷуён ва касонеки ба сӯи дин даъват мешаванд бо рифқ ва меҳрубони бо онҳо бархурд шавад.

Ҳазрати Мусо ба абди Солиҳ мегуяд:

﴿قَالَ لَهُۥ مُوسَىٰ هَلۡ أَتَّبِعُكَ عَلَىٰٓ أَن تُعَلِّمَنِ مِمَّا عُلِّمۡتَ رُشۡدٗا ٦٦﴾ [الكهف: ٦٦]

**«Оё аз ту пайрави кунам, бадон шартеки аз ончи мояи рушд ва салоҳ аст ва ба ту омухта шуда аст ба ман биёмузони»** Каҳф 66

Сипас мегуяд:

﴿قَالَ لَا تُؤَاخِذۡنِي بِمَا نَسِيتُ وَلَا تُرۡهِقۡنِي مِنۡ أَمۡرِي عُسۡرٗا ٧٣﴾ [الكهف: ٧٣]

**«Мусо гуфт: «Маро ба хотири фаромуш кардани (тавсияат) бозхост макун ва даркорам бар ман сахт магир»** Каҳф 73

Мардумро ба корҳои осон ва сода водор намоед, онинро ба сахти ва норохати наяндозед, ба мардум таколифи сахт ва тоқат фарсо бор нанамоед. Мужда ва башорат бидиҳед ва аз нафрат ва безори бипарҳезед, осонгир бошед ва сахтгири накунед. Зеро утуфат ва меҳрубони дар ҳар чизе ворид шавад онро музаян мекунад ва аз ҳарчизе гирифта шавад онро табоҳ ва зоеъ мегардонад.

Тирмизи аз Абдуллоҳ ибни Масъуд(рз) ривоят мекунад ки Пайғамбари Худо(с) фармуд:

«حُرِّمَ عَلَى النَّارِ كلّ هيّنٍ ليّنٍ سهلٍ قريبٍ منَ الناسِ»[1].

**«Ҳар кас ки бо мардум ором, нармху, осонгир ва ба онон наздик бошад ҷаҳаннам бар ӯ ҳаром мешавад».**

Аҳли илм ва иҷтиҳод бояд дар фатвоҳояшон роҳи осонгириро пеш гиранд ва ҳолу вазъи мукаллифинро риоят намоянд. Ва мардумро аз мавоқеъе ки дучори ҳараҷ ва машаққат мешаванд дур гардонанд, ва дар айни ҳол бояд

---

1) Сунани Тирмизи дар китоби сифату явмул қиёма (2488) ба ҳамон наҳв онро оварда, ва низ имом Аҳмад (415/1) ба ҳамон наҳв онро оварда, ва низ имом Аҳмад (415/1) бо лафзи худ онро тахриҷ намуда ва ибни Ҳаббон (469 алиҳсон) ва таброни дар алкабир (231/10) ва Ҷавдул Мунзир дар тарғиб (354/2) исноди Таброни, Албониҳам дар саҳиҳу тарғиб (1744) онро маҳиҳ медонад.ва ба силсилаи саҳиҳа (938) бинигаред.

ба дунболи ҳақ ва савоб бошанд, Суфёни Саври (р) мегуяд: Илм ва огоҳи ба ҳангоми рухсат сарчашмагиранда аз бовари ва эътибор аст, вагарна ҳаркасе тунди ва сахтиро нек мепиндорад[1].

Иброҳими Нахаъи мефармояд: Ҳаргоҳ миёни интихоби ду масъала мушкили пайдо шавад, маҳбубтарини онҳо пеши Худо осонтарини онҳо мебошад.

Шаъби ҳам мегуяд: Агар бар сари ду масъала ихтилоф пайдо кардед, осонтарини он ду назди Худованд беҳтар аст.

Худованди бузург мефармояд:

﴿يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ ١٨٥﴾ [البقرة: ١٨٥]

**«Худо барои шумо осони мехоҳад ва барои шумо душвори намехоҳад»** Бақара 185

---

[1] ) Ибни Абдулбарр дар (Тамҳид 147/8) ба мисли ин аз Муаммар ривоят карда аст.

Касоне ки руйи минбари ваъз менишинанд ва ё дар маҷолис ва шабнишиниҳо риштаи суханро ба даст мегиранд, беҳтар аст бо меҳрубони ва нармхуӣ суҳбат кунанд ва мардумро нисбат ба Худованд умедвор кунанд ва ба Ӯ гумони неку дошта бошанд. Зеро беҳтарин мусалмон касе аст, ки дар динаш осонгир бошад ба ҳамин сабаб Пайғамбар (с) ваќте ки як араби биёбон нишин дар масҷиди набави идрор (пешоб) намуд, ба саҳобагоне ки дар тараддуди манъ кардани ӯ буданд дастур дод, ки уро раҳо кунед! шумо уммати осонгир бошед!

Зеро ин уммат дар даъват, бояд раҳмат бошад, ва бурҳону истидлоли солим дошта бошад ва дар насиҳат кардан ихлоси ният ва ҳангоми мавъиза ва иршоду роҳнамои некукору хайрхоҳ бошанд. Зеро шариъати ислом пурра ба осонгири ва чашмпуши такя менамояд. Ва роҳҳои осонгири ба ҳеҷ ваҷҳ маҳдуд намешавад, ҳамонтавреки мебинем дар мабҳаси муомилот, осонгири яке аз густардатарини мавзӯъҳо мебошад,

Пас эй мусалмонон! Биёед дар талаботи худ осонгир бошем, ва дар маҳру нафақа дар тақозои бозпардохти  қарз, ва тангдастонро ёри диҳем чун ҳаркасеки тангдаст ва нотавонро ёри намояд Худованд дар дунё ва охиарт бар ӯ осони меорад.

Ва касеки дар ин дунё аз мусалмоне сахти ва нороҳати бардорад, яқинан Худованд сахтиҳои қиёмати уро бар медорад ва касеки мусалмонеро бипушонад Худованд дар дунё ва охират ӯро мепушонад.

Бародарон ва хоҳарони имони кушиш кунед нисбат ба коргарон, мустаъҷирон, ходимон ва мувазафон осонгир бошед, ононро ба корҳои тоқатфарсо ки дар тавонашон нест маҷбур накунед ва агар маҷбур ба чунин коре шудед, онҳоро ёри диҳед.

Фармонравон ва корбадастон ва ҳамчунин падарон ва модарон ва мардон бояд мувозиби зердастони худ бошанд ва бо онҳо бо муҳаббату меҳрубони бархурд намоянд. Ва муохиза фақат

барои ҳақ бошад ва саъй кунед афв ва бахшишро пеша кунед, чигунаеки Худованд дар Қуръон мефармояд:

﴿أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ٢٢﴾ [النور: ٢٢]

**«Магар дуст надоред ки Худо бар шумо бибахшояд»** Нур 22

Кушиш кунед, ки ҳамавақт роҳнамо ба сӯи некӯи бошед ва агар хостед фармонраво бошед ва ба дастуроти гуш диҳанд, бояд дастурот ва авомире содир намоед, ки қобили анҷом додан бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ сахтгир ва муташадид набошед.

Худованд ба Пайғамбараш хитоб намуда мефармояд:

﴿وَلَوۡ كُنتَ فَظًّا غَلِيظَ ٱلۡقَلۡبِ لَٱنفَضُّواْ مِنۡ حَوۡلِكَۖ فَٱعۡفُ عَنۡهُمۡ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ وَشَاوِرۡهُمۡ فِي ٱلۡأَمۡرِۖ ١٥٩﴾ [آل عمران: ١٥٩]

**«Ва агар дурушттхуй ва сангдил буди, аз атрофи ту пароканда мешуданд. Пас аз онон даргузар ва барояшон талаби омурзиш намо ва дар корҳо бо онон машварат кун»** Оли Имрон 159

Пас аз лағжиш ва иштибоҳ бипарҳезед ва маъзарату узрхоҳиро бипазиред ва аз иштибоҳот чашмпуши намоед ва мардумро ба роҳи дуруст роҳнамои кунед ва дар ниҳоят маҳкамкор, мужда диҳанда бошед в ва ба ҳам наздик шавед. Аллоҳ таъоло дар Қуръон мефармояд:

**﴿لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۚ لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا ٱكۡتَسَبَتۡۗ رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذۡنَآ إِن نَّسِينَآ أَوۡ أَخۡطَأۡنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تَحۡمِلۡ عَلَيۡنَآ إِصۡرٗا كَمَا حَمَلۡتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلۡنَا مَا لَا طَاقَةَ لَنَا بِهِۦۖ وَٱعۡفُ عَنَّا وَٱغۡفِرۡ لَنَا وَٱرۡحَمۡنَآۚ أَنتَ مَوۡلَىٰنَا فَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٢٨٦﴾** [البقرة: ٢٨٦]

**«Худо ҳеч касро ҷуз ба андозаи тоқаташ амр намекунад. Некиҳои ҳар кас аз они худи ӯст ва бадиҳояш аз они худи ӯст. «Эй Парвардигори мо, агар фаромӯш кардаем ё хатое кардаем, моро бозхост макун! Эй Парвардигори мо, он гуна ки бар умматҳои**

**пеш аз мо таклифи гарон ниҳоди, таклифи гарон бар мо манеҳ ва он чиро, ки тоқати он надорем, бар мо таклиф макун! Гуноҳи мо бубахш ва моро биёмурз ва бар мо раҳмат овар! Ту мавлои мо ҳастӣ. Пас моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон!»** Бақара 286

Яке аз мавоੀридеки боиси тундрави ва сахтгири дар дин мешавад, но огоҳи ва ҷаҳл бар дин ва адами огоҳи ба мақосиди шариъат ва дар як калима камилми мебошад ва чи басо баъзе ҳолатҳо орзуҳои нафсони боиси чунин бархурдҳо мешавад.

Дар ҳадиси саҳеҳ омада аст, ки Расули худо (с) мефармояд:

«وَ لَنْ يُشادَّ الدينَ أحَدٌ إلاّ غلبهُ، فاوغلوا فيهِ برفقٍ»[1].

**«Ҳар кас дар дин шиддат ва тундруӣ ба харҷ диҳад шикаст мехурад, пас бо рифқ ва меҳрубони дар он фуру равед».**

---

1) Бухори дар мабҳаси имон (39) ин ҳадисро аз Аби Ҳурайра (р.з) ривоят карда вале ҷумлаи (فاوغلوا فيه برفق) ро надорад.

Ибни Мунайир мегуяд: Ин ҳадис яке аз нишонаҳои Паёмбари аст, зеро ҳамаи мо ва касонеки қабл аз мо буданд дидаем, ки ҳамагуна сахтгири ва тундрави шикаст хурда аст.

Дар инҷо мақсади мо манъи  камол талаби ва ибодат дар дин нест. Балки чунин чиз писандида аст, балки ҳадафи мо мубориза бо ифротгариҳо аст, ки ба сусти ва малолат мунҷар мешавад ва зиёдарави дар мустаҳаботе аст ки боиси тарки воҷиб мешавад.

Ноогоҳи ва беилми боъис шуда баъзе аз мардум дар мавориде аз фуруъоти дин зиёдарави ва ташадуд ба харҷ дода вале дар муқобил, нисбат ба бисёре аз гуноҳони кабира мегузаранд! Монанди ғайбат, хабарчини, қазф, ҳасад, ҷустуҷу дар пайи айбҳои дигарон ва айбҷуӣ аз бегуноҳон ҳила ва найранг нисбат ба бародарони динии худ ки ҳамфикрашон намебошанд. Ва ифшои гуноҳ ва айби дигарон ва ҳато хурдан ва ғорати амволи мардумро ба ноҳақ ҳам аҳамияте намедиҳанд.

Дар  инҷо бояд ёд овар шуд ва тазаккур дод, ки вақте мегуям осонгир бошем ва аз тундрави

бипарҳезем, набояд чунин натиҷа гирифт, ки дар масоъили дини ғайр аз ақида, аҳком ва ахлоқ тасоҳул ба харҷ медиҳем ва ё аз аҳкоми исломи ақиб нишини менамоем ва дар роҳи нусрати дини Худо кутоҳи мекунем! Зеро раҳо кардани тарбияти фарзандон  ва гузоштани онҳо дар миёни ақоиди илҳоди аз осонгири нест! Ва ба баҳонаи тамаддун ва тақаддум ва дури ҷустан аз таҳаҷҷур набояд муртакиби анвоъи лаҳв ва лаъби ҳаром шуд ва бе тафовут буд!

Ҳамчунин ин осонгири нест ки бархе аз касонеки худро ба равшанфикри зада ва дар баробари душманони ислом дам аз самоҳат ва озодаманишии дин мезананд ва аз аҳкому таъолими дини  ақиб нишини менамоянд, сипас вақте дар баробари инсонҳои ҳақ талаб ва солеҳ қарор мегиранд хашинтарин бархурдро менамоянд, ва ҳатто шиъори озодаманиши ва осонгирии динро  василаи қалъ ва қамъу аз байн бурдани доъиёни дин қарор медиҳанд ва ба баҳонаи тағироти асри кунуни ба анвоъи шиканҷа ва озор руй меоваранд.

Ва охиру даъвоно анилҳамду лиллоҳи раббил оламин